**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**САРРАЁСАТИ ХАДАМОТИ ДАВЛАТИИ ОТАШНИШОНӢ**

734042, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айни, 14 а, тел.: 222-21-69, 221-53-17, 221-47-69 (факс).

№ 25/б-791 аз «18» 04 соли 2025

Ба №212 аз 01 июли соли 2021

Вазорати рушди иқтисод ва савдои
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мавзуъ: Амалигардонии чорабиниҳо вобаста ба иҷрои «Барномаи таъмини бехатарӣ аз сӯхтор барои солҳои 2021-2025»

Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилӣ барои ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар самти таъмини бехатарӣ аз сӯхтор изҳори сипос менамояд.

Бо мақсади таҳкими бехатарӣ аз сӯхтор, ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, наҷот додани молу мулки шаҳрвандон, моликияти корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, иншоотҳои таъиноти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар иншоотҳо аз сӯхтор, мустаҳкам намудани базаи моддию техникӣ ва пурзӯр намудани иқтидори кадрӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №212 аз 01 июли соли 2021 «Барномаи таъмини бехатарӣ аз сӯхтор барои солҳои 2021-2025» тасдиқ гардид.

Барои амалигардонии Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии «Барномаи таъмини бехатарӣ аз сӯхтор барои солҳои 2021-2025» ҳамагӣ 104 миллиону 488 ҳазору 905 сомонӣ маблағ пешбинӣ карда шуда, дар соли 2021 тибқи нақша 9 миллиону 555 ҳазору 600 сомонӣ, 2022-21 миллиону 763 ҳазору 100 сомонӣ, 2023, 22 миллиону 20 ҳазору 600 сомонӣ ва дар соли 2024, 30 миллиону 550 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда, барои амалигардонии талаботи Барномаи мазкур дар соли 2021 аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 миллиону 041 ҳазору 280 сомонӣ, дар соли 2022, 20 миллиону 784 ҳазору 670 сомонӣ, дар соли 2023, 18 миллиону 080 ҳазору 800 сомонӣ ва дар соли 2024 бошад 19 миллиону 097 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби сметаи хароҷотӣ, маблағ ҷудо карда шудааст.

Барои амалигардонии Нақшаи чорабиниҳои Барномаи мазкур аз тарафи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барнома барои солҳои 2021-2025 ба тавсиб расонида барои мавриди иҷро ва корбарӣ қарор додан ба ҷузъу томҳои зертобеи Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонӣ ирсол карда шуда, раванди иҷрои он зери назоратбарӣ қарор дода шуд.

Таҳлилҳо нишон дод, ки дар заминаи ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо мақомотҳои иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо қабул намудани қарорҳои дахлдор Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барнома ба тавсиб расонида, то ин давра як қатор корҳои назаррасе ба итмом расонида шуданд.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади иҷрои саривақтии амалигардонии нақшаи чорабиниҳои Барнома, баҳри баланд бардоштани рушди хадамоти давлатии оташнишонӣ, мустаҳкам намудани базаи моддию техникӣ, мусоидат намудан барои харидории техникаю таҷҳизоти оташнишонӣ ва сохтмони биноҳои ДЕПО-и оташнишонӣ дар доираи маблағҳои буҷети давлатии барои соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор пешбинишуда, инчунин маблағҳои махсус ва дигар маблағузориҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, аз тарафи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мактубҳо омода гардида, ба унвони раисони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳои Суғду Хатлон, Мухтори Куҳистони Бадахшон, гурӯҳи ноҳияҳои Рашт ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ирсол карда шудаанд.

Банди 1. Мустаҳкам намудани иқтидори кадрӣ, аз ҷумла тайёр кардани кадрҳо ва бозомузии ҳайати роҳбарикунандаи хадамоти давлатии оташнишонӣ берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҷиҳати сайқал додани донишу маҳорати касбии кормандони хадамоти давлатии оташнишонӣ, инчунин бо мақсади дуруст ва самаранок ба роҳ мондани фаъолият барои таҷрибаомӯзӣ ба дигар давлатҳои пешрафтаи хориҷи кишвар сафарбар намудани кормандон чораҳои дахлдор андешида шуда, полковники хизмати дохилӣ Соҳибназар Маҳмуд сардори шуъбаи кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои таҳсил ба курси якуми таҳсили рӯзонаи адъюнктураи факултет оид ба тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илми педагогии Академияи ВКД Федератсияи Россия дар шаҳри Новгород ва лейтенанти калони милитсия Эшонов Далер Амруллохужаевич, нозири калони гурӯҳи адои хизмат, мукофотҳо, додани рутбаҳо ва ба ҳисобгирии шуъбаи кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои таҳсил ба курси якуми таҳсили рӯзонаи адъюнктураи факултет оид ба тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илми педагогии Донишгоҳи ВКД Федератсияи Россия ба шаҳри Краснодар фиристода шуданд, ки музди меҳнати солонаи он 70 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Бо мақсади мустаҳкам намудани иқтидорӣ кадрӣ аз тарафи Вазорати корҳои дохилӣ дар якҷоягӣ бо мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон, ва шаҳру ноҳияҳои

тобеи ҷумҳурӣ чораҳои дахлдор роҳандозӣ гардида, дар Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе-60 воҳиди корӣ, вилояти Суғд 69, Хатлон-216, дар ноҳияи Файзобод 15, Варзоб 12 ва НБО «Роғун» 42 воҳидҳои корӣ зиёд карда шуд, ки музди маблағи меҳнати онҳо 7 миллиону 508 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маҳаллӣ пардохт карда мешаванд, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 65,7 %-ро ташкил медиҳад.

Инчунин, дар давоми солҳои 2021-2024, барои тайёр кардани кадрҳо ва бозомузии ҳайати роҳбарикунандаи хадамоти давлатии оташнишонӣ берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷиҳати сайқал додани донишу маҳорати касбии кормандон ва бо мақсади дуруст ва самаранок ба роҳ мондани фаъолият чораҳои дахлдор роҳандозӣ гардида, сардори Сарраёсат, муовини аввал ва 2 нафар сардорони шуъбаҳои дастгоҳи марказии Сарраёсат барои шинос шудан ва омӯхтани таҷрибаи пешқадами фаъолияти Хадамоти давлатии оташнишонӣ ба Ҷумҳурии Белоруссия ва 2 нафар кормандони шуъбаҳои дастгоҳи марказии Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонӣ ба шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафарбар гардида, аз фаъолияти кории ин ниҳод таҷриба омӯхта аз наздик шиносои пайдо намуданд.

Банди 2. Давра ба давра дар радиову телевизион таҳия намудани барномаҳо дар мавзӯи оташнишонӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо.

Дар ин раванд ҷиҳати дуруст ба роҳ мондан ва гузаронидани корҳои тарғиботию-ташвиқотӣ дар мавзӯи бехатарӣ аз сӯхтор барои давра ба давра тариқи телевизион ва радио пахш намудани барномаҳо бо Кумитаи давлатии телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иншоотҳои зертобеи он дар вилояҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳамкориҳои муттақобилан судманд ба роҳ монда шуда, дар соли 2021 ба маблағи 30 ҳазор сомонӣ 234 барнома ва баромадҳо, дар соли 2022, 902 барномаҳо ва 1523 гузоришу баромадҳо ба маблағи 36 ҳазору 200 сомонӣ дар соли 2023, 793 барнома ва 1383 гузоришу баромадҳо ва дар соли 2024 бошад ба маблағи 30 ҳазор сомонӣ 883 барнома бо воситаи радио ва 1474 гузоришу баромадҳо оид ба ташкил ва баргузории чорабиниҳои пешгирикунанда таввасути барномаҳои телвизионӣ манзурӣ аҳолии кишвар гардонида шуданд.

Банди 3. Пешгирии сӯхторҳо.

Бо мақсади саривақт пешгирӣ намудани ҳодисаҳои сӯхтор, гузаронидани корҳои профилактикӣ оташнишонӣ ва тарғиботию ташвиқотӣ барои зиёд намудани ҳайати муҳандисию нозиротӣ дар митақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ дар соли 2021, 335 ҳазор сомонӣ, дар соли 2022, 913 ҳазору 651 сомонӣ, дар соли 2023, 22 ҳазору 310 сомонӣ ва дар соли 2024 бошад 588 ҳазору 200 сомонӣ маблағ пешбинӣ гардида як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд.

3.1. Зиёд намудани ҳайати муҳандисӣ –нозирони назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор ба ҳисоби як нафар ба 1200 нафар аҳолӣ.

Дар давоми солҳои 2021-2022, бо мақсади саривақт пешгирӣ намудани ҳодисаҳои сӯхтор, гузаронидани корҳои профилактикӣ оташнишонӣ ва тарғиботию ташвиқотӣ дар Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд 4 воҳидҳои корӣ ба маблағи 70 ҳазору 212 сомонӣ, вилояти Хатлон 9 ба маблағи 157 хазору 977 сомонӣ, НБО "Роғун" 3 воҳидҳои кории ба маблағи 52 ҳазору 659 сомонӣ ва ноҳияи Варзоб 1 воҳидҳои кории ба маблағи 17 ҳазору 544 сомонӣ ҳайати муҳандисию нозиротӣ ташкил карда шуд, ки музди маблағи онҳо 298 ҳазору 392 сомониро ташкил дода аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маҳаллӣ пардохт карда мешаванд.

Дар соли 2023 бошад дар вилояти Хатлон 13 воҳиди кории муҳандисону нозирони назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор таъсис дода шуд, ки музди маблағи меҳнати онҳо 434 ҳазору 116 сомониро дар бар мегирад, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 32,7 %-ро ташкил медиҳад.

Банди 3. 2. Ташкил ва гузаронидани озмуни «Нозири беҳтарини минтақавии назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор»

Бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии нозирони минтақавии назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор дар байни ҳайати муҳандисону нозирони назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтори ҷузъу томҳои хадамоти давлатии оташнишонӣ озмуни «Нозири беҳтарини минтақавии назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор» дар соли 2022 бо маблағи 26 ҳазору 750 сомонӣ, дар соли 2023 ба маблағи 22 ҳазору 210 сомонӣ ва дар соли 2024 бошад ба маблағи 12 ҳазору 400 сомонӣ ташкил ва гузаронида шуда, ғолибони озмунҳо бо тухфаҳои хотиравӣ ҳавасманд гардонида шуданд, ки 61 ҳазору 360 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 22, 3 %-ро ташкил медиҳад.

Банди 3. 3. Дар минтақаҳои дурдасти ноҳияҳо ташкил намудани ҳуҷраҳои кории замонавӣ барои нозирони назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор.

Барои сари вақт ба роҳ мондани таҳқиқӣ ҳодисаи сӯхтор, гузаронидани корҳои профилактикӣ-оташнишонӣ, тарғиботию-ташвиқотӣ ва барои фароҳам овардани шароити мусоиди хизмат ба муҳандисону нозирони назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор дар минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ аз ҷумла, дар ноҳияҳои Данғара ва Фархори вилояти Хатлон, Мастчоҳи Куҳии вилояти Суғд, Ҷамоати деҳоти Ромити шаҳри Ваҳдат ва дар ноҳияи Лахши гуруҳи ноҳияҳои Рашт ҳуҷраҳои кории замонавӣ бо муҷаҳҳаз намудани техникаю таҷҳизотҳои замонавӣ сохта мавриди истифода қарор дода шуданд.

Банди 4. Барои паст намудани талафоти иловагӣ ҳангоми сӯхторхомӯшкунӣ дар иншоотҳои хоҷагии халқ.

Бахри баланд бардоштани сатҳи тайёрии муҳорибавии ҳайати шахсӣ, паст намудани талафоти иловагӣ ва сари вақт хомӯш намудани сӯхторҳо дар иншоотҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла дар иншоотҳои ҳаётан муҳими давлатӣ, бозору марказҳои калони савдо, биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, хонаи пиронсолон ва дар дигар ташкилоту муассисаҳо бо

ҷалби қувваю воситаҳои оташнишонӣ ва ҳайати шахсӣ ба маблағи 50 ҳазор сомонӣ 918 маротиба машқҳои тактикӣ-оташнишонӣ гузаронида шуданд.

Аз ин шумора, дар Раёсатҳои хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе 28 маротиба, вилояти Хатлон 442 маротиба, вилояти Суғд 165 маротиба, шуъбаҳои хадамоти давлатии оташнишонии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон 94 маротиба, гуруҳи ноҳияҳои Рашт 44 маротиба ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 145 маротиба машғулиятҳои амалии тактикӣ оташнишонӣ ташкил ва гузаронида шуданд.

Инчунин, барои андешидани чораҳои мушаххас дар минтақаҳои дурдаст ва беоби маҳалҳои аҳолинишин, майдонҳои зироатҳои ғалладонагӣ, ҷангалзорҳо ва ҷойҳои нигоҳдории хӯроки дурушти чорво баҳри пешгирӣ ва саривақт хомӯш намудани сӯхтор аз тарафи Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонӣ, 3 адад нақлиётҳои сабукравӣ тамғаи УАЗ -469 ва 1 адад Land Rover Discovery харидорӣ гардида, бо насб намудани зарфи об дар бордони онҳо дар ҳаҷми то 750 литр насб гардонида шуда, бо гузоштани насосҳои обдиҳанда дар дохили нақлиётҳо омода ва барои истифодабарӣ дар майдонҳои ғаллазор ба минтақаҳои беоби майдонҳои ғаллазор ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон сафарбар карда шуданд.

Бо мақсади паст намудани талафот ҳангоми хомӯш намудани сӯхтор аз тарафи Сарраёсат дар якҷоягӣ бо соҳибкорони ватанӣ чораҳои дахлдор андешида шуда, дар деҳаи Тигови ҷамоати деҳоти Шуғнови ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон бинои дидбонгоҳ сохта, бо як адад нақлиёти оташнишонӣ ва 15 нафар ҳайати шахсӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Инчунин, тариқи ҳашари дастаҷамъона ва бодастгирии соҳибкорони ватанӣ дар ҷамоати деҳоти Поғози ноҳияи Ашти вилояти Суғд бинои дидбонгоҳи алоҳида сохта, мавриди истифода қарор дода шуд.

Ба ин монанд дар ҷамоати деҳоти Саричашмаи ноҳияи Ш.Шоҳини вилояти Хатлон бинои дидбонгоҳ сохта мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд.

Дар соли 2023, дар иншооти хоҷагии халқ, аз ҷумла дар иншооти ҳаётан муҳими давлатӣ, бозору марказҳои калони савдо, биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, хонаи пиронсолон ва дар дигар ташкилоту муассисаҳо бо ҷалби қувваю воситаҳои оташнишонӣ ва ҳайати шахсӣ ба маблағи 39 ҳазор сомонӣ 1 ҳазору 431 маротиба машқҳои тактикӣ-оташнишонӣ гузаронида шуданд.

Дар соли 2024 бошад, дар бозору марказҳои савдо, иншоотҳои муҳими давлатӣ ва дар дигар ташкилоту муассисаҳо аз тарафи ҷузъу томҳои хадамоти давлатии оташнишонии дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон, Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, гуруҳи ноҳияҳои Рашт ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба маблағи 41 ҳазор сомонӣ 2 ҳазору 184 маротиба маротиба машқҳои тактикӣ-оташнишонӣ ба маблағи умуми 130 ҳазор сомонӣ ташкил ва гузаронида шуданд, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 52%-ро ташкил медиҳад.

Банди 5. Таъминоти моддӣ-техникии хадамоти давлатии оташнишонӣ, бо автомобилҳои оташнишонӣ, харидори намудани

автосистернаи оташнишонӣ АС-40-3,5; АС-40-4; АС-40-5; АС-60-6; АС-60-8; барои кашонидани об 10, 20, 40 м³, автомашинаи болобардори зонуварди оташнишонии АКП-50; АКП-60; АЛ-60; автобус; автомобили фаврӣ – ситодӣ (АБР); автомобили хизматӣ- фаврӣ; АП-5 ва автомобили болобардори зонуварди оташнишонӣ АЛ 60 метра чораҳои дахлдор роҳандозӣ гардида, харидори намудани воситаҳои нақлиёт таввассути тендер, музояндаҳо дар мувофиқа бо Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо тартиби муқарарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо ва дастурамалҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, дар ин давра аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд 2 адад нақлиёти оташнишонии асосии АС-40-3.5 тамғаи «Dongfeng» ва 1 адад нақлиёти фаврии «Спринтер» ба маблағи 1 миллиону 930 ҳазор сомонӣ харидорӣ карда шуд.

Инчунин, тибқи протоколи тендерӣ №470637 аз моҳи октябри соли 2021, дар асоси Шартномаи тарафайн байни Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Хатлон бо ҶДММ «Собир Сам» ба маблағи 2 миллиону 700 ҳазор сомонӣ, 5 адад нақлиётҳои оташнишонии асосии АС-40-3.5 тамғаи «Dongfeng» аз Ҷумхурии мардумии Чин харидорӣ карда шуд.

Ғайр аз ин, аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе як адад нақлиёти хизматӣ тамғаи РАV- 4 ба маблағи 471 ҳазору 800 сомонӣ харидорӣ карда шудааст.

Инчунин, тибқи супоришномаҳои пулӣ барои харидорӣ намудани нақлиётҳои оташнишонӣ аз тарафи Сарраёсат 3 миллиону 197 ҳазору 131 сомонӣ маблағ пардохт карда шуда, 4 адад нақлиётҳои оташнишонии тамғаи «Dongfeng» аз Ҷумҳурии мардумии Чин харидорӣ карда шуд.

Дар соли 2023 аз тарафи Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонӣ 8 адад нақлиёти оташнишонии тамғаи «Dongfeng» ба маблағи 7 миллиону 450 ҳазор сомонӣ, 4 адад нақлиёти оташнишонии тамғаи “Камаз” ба маблағи 2 миллиону 470 ҳазор сомонӣ ва 1 адад нақлиёти оперативии фаврӣ-хизматӣ тамғаи “Мерседдес-906 КА” ба маблағи 300 ҳазор сомонӣ харидорӣ карда шуданд.

Инчунин, тибқи сметаи харочотии Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Хатлон дар соли 2023, 4 адад нақлиёти оташнишонии тамғаи «Dongfeng», як адад авомашинаи хизматии тамғаи «Тайота Раф-4» ва як адад нақлиёти оташнишонии тамғаи «Камаз» ҳамагӣ 7 адад нақлиёт ба маблағи 6 миллиону 843 ҳазору 754 сомонӣ харидорӣ карда шудааст.

Дар соли 2024 бошад аз тарафи Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонӣ 1 адад систернаи автомобили оташнишонӣ ба маблағи 483 ҳазор сомонӣ, 1 адад зарфи моеъи кафкнигоҳдорӣ (пенобак) ба маблағи 480 ҳазор сомонӣ, харидорӣ карда шуда, аз Агентии захираҳои моддии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 адад нақлиёти ГАЗ-330900 боркаш, аз ҶДММ “Торг-Сервис-маркет” 4 адад нақлиёти оташнишонӣ ва аз ҶДММ “Абубакри Дилшод” 4 адад нақлиёти оташнишонии тамғаи Донфенг ҳамагӣ ба маблағи 7 миллиону 574 ҳазору 300 сомонӣ, аз тарафи Раёсати

хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Хатлон 3 адад наклиёти оташнишонии ғунҷоиши зарфи обнигоҳдории онҳо 6 тонна ба маблағи 2 миллиону 190 ҳазор сомонӣ ва аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд бошад як адад наклиёти оташнишонии тамғаи “Донфенг” ба маблағи 880 ҳазор сомонӣ харидорӣ карда шуд.

Инчунин, тибқи талаботи банди 5. 9-и Барнома аз тарафи Неругоҳи обии барқии “Роғун” 1 адад наклиёти оташнишонии махсуси тамғаи Камаз ба маблағи 2 миллион сомонӣ харидорӣ карда шудааст.

Дар умум бошад барои харидорӣ намудани наклиёти оташнишонӣ ва хизматӣ ҳамагӣ 45 миллиону 596 ҳазору 146 сомонӣ маблағ пардохт карда шудааст, ки нисбат ба накшаи пешбинишуда 58%-ро ташкил медиҳад

Банди 6. Лавозимот ва таҷҳизоти техникии оташнишонӣ.

Дар давоми солҳои 2021-2024 аз тарафи Сарраёсат ва ҷузъу томҳои он лавозимот ва таҷҳизоти техникии оташнишонӣ, аз ҷумла ба маблағи 144 ҳазору 799 сомонӣ зинаи муҳорибавӣ, ба маблағи 440 ҳазору 424 сомонӣ зинаи сезонуи оташнишонӣ, ба маблағи 34 ҳазору 281 сомонӣ норбони оташнишонӣ, ба маблағи 26 ҳазор болишти наҷотдиҳӣ, ба маблағи 1 миллону 117 ҳазору 860 сомонӣ рӯдаи обкаши оташнишонии Д-77, ба маблағи 986 ҳазору 496 сомонӣ рӯдаи оташнишонӣ Д-66, ба маблағи 1 миллиону 920 ҳазору 834 сомонӣ рӯдаи оташнишонӣ Д-51, ба маблағи 191 ҳазору 148 сомонӣ рӯдаи обкаши оташнишонии Д-77 (4метра), ба маблағи 186 ҳазору 782 сомонӣ рӯдаи обкаши оташнишонии Д-125 мм, ба маблағи 110 ҳазору 450 сомонӣ банди наҷотдиҳии оташнишонии ВПС-50, ба маблағи 52 ҳазору 334 сомонӣ банди наҷотдиҳии оташнишонии ВПС-30, ба маблағи 2 миллиону155 ҳазору 076 сомонӣ либоси муҳорибавӣ-оташнишонии БОП-1 ва БОП-2, ба маблағи 495 ҳазору 685 сомонӣ насоси оташнишонӣ тамғаи ПН-40 ва ПН-60, ба маблағи 840 ҳазору 004 сомонӣ мотопомпаи оташнишонӣ МП-800 ва МП-1200, ба маблағи 224 ҳазору 680 сомони арраи бензинӣ, Костюми ОЗК ба маблағи 45 ҳазору 520 сомони дигар таҷҳизотҳои оташнишонӣ ба маблағи 1 миллиону 865 ҳазору 843 сомонӣ харидори карда шудааст, ки аз ин шумора аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд ба маблағи 174 ҳазору 350 сомонӣ рӯдаи оташнишонии Д-77, ба маблағи 240 ҳазору 037 сомонӣ рӯдаи оташнишонӣ Д-66, ба маблағи 252 ҳазору 595 сомонӣ рӯдаи оташнишонӣ Д-51, ба маблағи 20 ҳазору 156 сомонӣ рӯдаи обкаши оташнишонии Д-77 (4метра), ба маблағи 37 ҳазору 901 сомонӣ рӯдаи обкаши оташнишонии Д-125 мм, банди наҷотдиҳи ВПС-30 ба маблағи 5 ҳазору 720 сомонӣ, либоси муҳорибавӣ-оташнишонии БОП-1 ва БОП-2 ба маблағи 282 ҳазору 172 сомонӣ, мотопомпаи оташнишонӣ МП-800 ва МП-1200 ба маблағи 30 ҳазору 305 сомонӣ, арраи бензинӣ радио барои наклиёти оташнишонӣ ба маблағи 19 ҳазору 950 сомони, ба маблағи 15 ҳазору 675 сомонӣ зинаи муҳорибавӣ, ба маблағи 27 ҳазору 962 сомонӣ зинаи сезонуи оташнишонӣ, ва дигар таҷҳизотҳои оташнишонӣ ба маблағӣ 282 ҳазору 028 сомонӣ ҳамагӣ ба маблағи миллиону 907 ҳазору 507 сомонӣ харидорӣ кардааст.

Аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Хатлон ба маблағи 11 ҳазору 716 сомонӣ зинаи муҳорибавӣ, ба маблағи 54

ҳазору 500 сомонӣ зинаи сезонуи оташнишонӣ, ба маблағи 143 ҳазору 400 сомонӣ рӯдаи оташнишонии Д-77, ба маблағи 138 ҳазору 300 сомонӣ рӯдаи оташнишонии Д-66, ба маблағи 622 ҳазору 850 сомонӣ рӯдаи оташнишонӣ Д-51, ба маблағи 27 ҳазор сомонӣ рӯдаи оташнишонии Д-77(4-метра), ба маблағи 60 ҳазору 400 сомонӣ рӯдаи обкаши оташнишонии Д-125 мм, банди наҷотдиҳи ВПС-50 ба маблағи 21 ҳазору 300 сомонӣ, банди наҷотдиҳи ВПС-30 ба маблағи 20 ҳазору 800 сомонӣ, ба маблағи 267 ҳазору 900 сомонӣ либоси муҳорибавӣ-оташнишонии БОП-1 ва БОП-2, ба маблағи 98 ҳазор сомонӣ насоси оташнишонӣ тамғаи ПН-40, ба маблағи 107 ҳазор сомонӣ мотопомпаи оташнишонӣ МП-800 ва МП-1200, ба маблағи 32 ҳазор сомонӣ арраи бензинӣ ва дигар таҷҳизотҳои оташнишонӣ ба маблағи 133 ҳазору 584 сомонӣ, ҳамагӣ ба маблағи1 миллиону 738 ҳазору 750 сомонӣ харидорӣ кардааст.

Аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе ба маблағи 86 ҳазору 112 сомонӣ рӯдаи оташнишонӣ Д-51, ба маблағи 103 ҳазору 416 сомонӣ рӯдаи оташнишонии Д-66, ба маблағи 102 ҳазору 270 сомонӣ рӯдаи оташнишонии Д-77, ба маблағи 40 ҳазор сомонӣ мотопомпаи оташнишонӣ МП-800 ва МП-1200, ба маблағи 16 ҳазор сомонӣ арраи бензинӣ, ба маблағи 472 ҳазор сомонӣ либоси муҳорибавӣ-оташнишонии БОП-1 ва БОП-2, ба маблағи 140 ҳазору 985 сомонӣ насоси оташнишонӣ тамғаи ПН-40, ба маблағи 6 ҳазору 720 сомонӣ банди наҷотдиҳии оташнишонии ВПС-50, тасмаи оташнишонӣ ба маблағи 94ҳазору 400 сомонӣ, маблағи 11 ҳазору 716 сомонӣ зинаи муҳорибавӣ, ба маблағи 54 ҳазору 500 сомонӣ зинаи сезонуи оташнишонӣ, ҳамагӣ ба маблағи 1 миллиону128 ҳазору 119 сомонӣ сомонӣ харидорӣ кардааст.

Аз тарафи Қисми мустақили -13 шаҳри Турсунзода банди наҷотдиҳӣ ба маблағӣ 9 ҳазор сомонӣ, ба маблағи 16000 ҳазор сомонӣ рӯдаи оташнишонӣ Д-66, рӯдаи обкаши оташнишонии Д-77 ба маблаги 5000 сомонӣ, либоси муҳорибавӣ-оташнишонии БОП-1 ба маблағи 2 ҳазор сомонӣ, ба маблағи 2 ҳазор сомонӣ арраи бензинӣ, насоси оташнишонӣ тамғаи ПН-40 ба маблағи 2 ҳазору 500 сомонӣ, мотопомпа ба маблағи 1000 сомонӣ, ҳамагӣ ба маблағи 37 ҳазору 500 сомонӣ харидорӣ кардааст.

Аз тарафи Қисми мустақили 27 ноҳияи Шаҳринав дар солҳои 2021-2024 рӯдаи оташнишонӣ Д-51 ба маблағи-3000 сомонӣ рӯдаи оташнишонӣ Д-51 ба маблағи-1581 сомонӣ, рӯдаи обкаши оташнишонии Д-77 ба маблаги 2260 сомонӣ, тури обкашӣ ба маблағи 750 сомонӣ, мотопомпаи оташнишонӣ ба маблағи 6150 сомонӣ, обкаши оташнишонии Д-125 мм ба маблағи 1669 сомонӣ, зинаи муҳорибавӣ ба маблағи 1740 сомонӣ, ҳамагӣ ба маблағи 14 ҳазору 150 сомонӣ харидорӣ кардааст.

Аз тарафи Қисми мустақили 15 ноҳияи Рудакӣ дар солҳои 2021-2024 рӯдаи оташнишонӣ Д-51 ба маблағи-3000 сомонӣ, рӯдаи оташнишонии Д-66 ба маблағи-3666 сомонӣ рӯдаи обкаши оташнишонии Д-77 ба маблағи 4332 сомонӣ ҳамагӣ ба маблағи 10 ҳазору 998 сомонӣ харидорӣ кардааст.

Аз тарафи Қисми мустақили 14 шаҳри Ваҳдат дар солҳои 2021-2024 либоси муҳорибавӣ-оташнишонии БОП-1 ва БОП-2 ба маблағи 11 ҳазору 406 сомонӣ, мотопомпа ба маблағи 15 ҳазор сомонӣ харидорӣ кардааст.

Аз тарафи Қисми мустақили 45 шаҳри Роғун дар солҳои 2021-2024 рӯдаи оташнишонӣ Д-51 ба маблағи-10000,0 сомонӣ харидорӣ кардааст, ки дар умум 11 миллиону 137 ҳазору 633 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда иҷрои он 199%-ро ташкил медиҳад.

Банди 7. Васоити фардии муҳофизати узвҳои нафаскашӣ.

Дар давоми солҳои 2021-2024 аз тарафи Сарраёсат ва ҷузъу томҳо ба ба маблағи 464 ҳазору 800 асбоби нафаскашӣ «Базис» ва «Профил» харидорӣ карда шудааст, ки аз ин шумора аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд асбоби нафаскашӣ «Базис» «Профил» ба маблағи 997 ҳазору 926 сомонӣ ва аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе ба маблағи 77 ҳазору 340 сомонӣ асбоби нафаскашӣ бо ҳавои фишурдаи АСВ-2, аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Хатлон ба маблағи 357 ҳазор сомонӣ асбоби нафаскашӣ «Базис 2 ва «Профил» ба маблағи 54 ҳазору 500 сомонӣ, асбоби ҳавои фишурда ПТС ба маблағи 148 ҳазор сомонӣ ТОК-200 харидорӣ карда шудааст, ки дар умум ба маблағӣ 2 миллиону 99 ҳазору 566 сомонӣ асбобоҳои нафаскашӣ бо ҳавои фишурда харидори шудааст, ки 116,7%-ро ташкил медиҳад.

Банди 8. Харидори намудани васоити химиявии сӯхторхомӯшкунӣ ва моеи кафкҳосилкунанда (ПО-6)

Дар давоми солҳои 2021-2024 аз тарафи Сарраёсат ба маблағи 799 ҳазору 162 сомонӣ, аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе ба маблағи 356 ҳазору 705 сомонӣ, Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд ба маблағи 404 ҳазору 958 сомонӣ ва аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Хатлон бошад ба маблағи 342 ҳазору 250 сомонӣ моеъи кафккунанда, ҳамагӣ ба маблағи 1 миллиону 903 ҳазору 075 сомонӣ харидорӣ карда шудааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинигардида иҷрои он 174,5 %-ро ташкил медиҳад.

Банди 9. Харидорӣ намудани воситаҳои алоқа, ретранслятор, истгоҳи радиои сайёр, истгоҳи радио барои нақлиёти оташнишонӣ, дастӣ ва дигар намуди таҷҳизотҳои махсуси алоқа.

Дар давоми солҳои 2021-2024 аз тарафи Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонӣ ба маблағи 119 ҳазору 118 сомонӣ истгоҳи радиои дастӣ ва тибқи протоколи тендерӣ бо ҶДММ «Тафиқ» ва бо ҶДММ «Сипеҳри Ваҳдат» ба маблағи 1 миллиону 627 ҳазору 050 сомонӣ компютерҳо, радиостансия ва асбобҳои алоқа ба маблағи 64 ҳазору 688 сомонӣ истгоҳи радиои дастӣ ва ба маблағи 417 ҳазору 838 сомонӣ компютерҳо, радиостансия ва асбобҳои алоқа харидорӣ ба маблағи 628 ҳазору 938 сомонӣ, ба маблағи 96 ҳазору 425 сомонӣ воситаҳои алоқа компютерҳо, радиостансияҳои дастӣ ва дигар намуди воситаҳо харидорӣ карда шуданд.

Аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе ба маблағи 577 ҳазору 340 сомонӣ, Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Хатлон ба маблағи 61 ҳазору 140 сомонӣ ва Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд ба маблағи 115 ҳазору 772 сомонӣ дар умум ба маблағи 3 миллиону 707 ҳазору 804 сомонӣ

таҷҳизотҳои махсуси алоқа харидорӣ карда шудааст, ки нисбат ба нақшаи пешбини гардида иҷрои он 127%-ро ташкил медиҳад.

Тибқи замимаи 2-и «Барномаи таъмини бехатарӣ аз сӯхтор барои солҳои 2021-2025» ва Нақшаи рӯйхати сохтмони биноҳои (ДЕПО)-и оташнишонӣ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе як бинои қисми оташнишонӣ ба маблағи 3 миллиону 300 ҳазор, дар ноҳияи Фархори вилояти Хатлон як бинои Дидбонгоҳ ба маблағи 1 миллиону 400 ҳазор, дар ноҳияи Масчоҳ як бинои қисми оташнишонӣ ба маблағӣ 692 ҳазору 975 сомонӣ, ноҳияи Б. Ғафурови вилояти Суғд як бинои қисми оташнишонӣ ба маблағи 1 миллиону 364 ҳазору 693 сомонӣ, дар шаҳри Ваҳдат як бинои қисми оташнишонӣ ба маблағи 1 миллиону 600 ҳазор сомонӣ, сохта мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд.

Дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе аз тарафи ҶДММ “Рушди Душанбе” сохтмони қисми оташнишонӣ ба итмом расонида шуда, гузаронидани корҳои таъмиру таҷдид бо бомаром идома дорад.

Айни замон дар ноҳияи Вахши вилояти Хатлон сохтмони бинои қисми оташнишонӣ бо баромади 3 адад нақлиётҳои оташнишонӣ бо маром идома дорад, ки то давраи таҷлили ҷашни 35 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифодабарӣ қарор дода хоҳад шуд.

Барои сохта ба истифода додани биноҳои қисмҳои оташнишонӣ аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд дар ҷамоати деҳоти Чоркуҳи шаҳри Исфара, тибқи Қарори Раиси шаҳри Исфара №151 аз 08 июли соли 2021, дар ҷамоати деҳоти Чоркуҳ дар масоҳати 0,025 га қитъаи замин, тибқи Қарори Раиси ноҳияи Айнӣ №492 аз 18 августи соли 2022, барои сохтмони бинои Дидбонгоҳи алоҳидаи ҳарбикунонидашудаи хадамоти давлатии оташнишонӣ дар ҷамоати деҳоти Урметан дар масоҳати 0,14 га қитъаи замин ва тибқи Қарори Раиси ноҳияи Ашт №262 аз 10 октябри соли 2022 бошад барои сохтмони бинои Дидбонгоҳи алоҳидаи ҳарбикунонидашудаи хадамоти давлатии оташнишонӣ дар ноҳияи Деваштич барои оғоз бахшидани марҳилаи аввали корҳои сохтмонӣ чораандеши карда нашудааст.

Ба ин монанд тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №175 аз ҳисоби заминҳои фонди захиравии ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон барои сохтмони бинои Қисми мустақили №49 оид ба муҳофизати ноҳияи Қубодиён дар майдони 0,50 га қитъаи замин ҷудо карда шуда, барои сохта ба истифода додани бинои Маркази таълимӣ дар шаҳри Левакант, бинои қисми оташнишонӣ дар ноҳияҳои Мир Сайи Алии Ҳамадонӣ ва Панҷи вилояти Хатлон чораандеши карда нашудааст.

Барои сохтмони бинои дидбонгоҳи алоҳидаи зертобеи қисми мустақили 17 ҳарбикунонидашудаи хадамоти давлатии оташнишонӣ оид ба муҳофизати шаҳри Ҳисор дар ҷамоати деҳоти Ориён тибқи Қарори Раиси шаҳри Ҳисор, №392 аз 13 апрели соли 2022 дар масоҳати 0,8 га қитъаи замин ҷудо карда шудааст.

Дар ноҳияи Рошқалъаи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, бошад ба марҳилаи аввали корҳои сохтмонии бинои Дидбонгоҳи алоҳидаи

хадамоти давлатии оташнишонӣ оғоз бахшида шуда, барои сохтани қисми оташнишонӣ дар ноҳияи Рӯшон чораҳои дахлдор андешда нашудааст.

Дар давоми солҳои 2021-2025 барои харидорӣ намудани техникаҳои оташнишонӣ, лавозимоту таҷҳизотҳои техникӣ, воситаҳои алоқа ва таъминоти моддию техникӣ 73 миллиону 043 ҳазору 201 сомонӣ ва барои сохта ба истифода додани биноҳои (ДЕПО)-и оташнишонӣ 17 миллиону 899 ҳазору 244 сомонӣ маблағ харочот карда шудааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинӣ гардида иҷрои он 66,8 % ба иҷро расонида шудааст.

Вобаста ба таъмини иҷрои нақшаи амалигардонии Барномаи таъмини бехатарӣ аз сӯхтор барои солҳои 2021-2025 барои харидори намудани техникаҳои оташнишонӣ, лавозимоту таҷҳизотҳои техникӣ, воситаҳои алоқа ва таъминоти моддию техникӣ аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе нақша чорабиниҳо ба тавсиб расонида шуда, раванди иҷрои он зери назоратбарӣ қарор дода шудааст.

Аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Хатлон бо маблағи 31 миллиону 948 ҳазору 338 сомонӣ нақша ба тавсиб расонида шуда, ба маблағи 14 миллиону 309 ҳазору 610 сомонӣ корҳо ба анҷом расонида шудааст, ки 44,8 %-ро ташкил медиҳад.

Аз тарафи Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд бо маблағи 64 миллиону 904 ҳазору 069 сомонӣ нақша ба тавсиб расонида шуда, ба маблағи 6 миллиону 689 ҳазору 158 сомонӣ корҳо ба анҷом расонида шудааст, ки 10,3 %-ро ташкил медиҳад

Аз тарафи Шуъбаи хадамоти давлатии оташнишонии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон бо маблағи 10 миллиону 489 ҳазор сомонӣ нақша ба тавсиб расонида шуда, корҳо ба анҷом расонида нашудааст.

Аз тарафи Шуъбаи хадамоти давлатии оташнишонии гурӯҳи ноҳияҳои Рашт бо маблағи 6 миллиону 461 ҳазору 530 сомонӣ нақша ба тавсиб расонида шуда корҳо ба анҷом расонида нашудааст.

Аз тарафи ҷузъу томҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат, Роғун ва ноҳияҳои Шаҳринав, Рӯдакӣ, Файзобод ва Варзоб бо қабул намудани қарорҳои дахлдор нақша чорабиниҳо ба тавсиб расонида шуда, иҷрои талаботи бандҳои нақша чорабиниҳо ба иҷро расонида нашудааст.

Рафти иҷрои «Барномаи таъмини бехатарӣ аз сӯхтор барои солҳои 2021-2025» ва Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии он зери назоратбарии роҳбарияти Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилӣ қарор дошта, аз натиҷаи минбаъдаи корҳои ба итмом расонида, тибқи мӯҳлатҳои муқаррар гардида маълумотномаи мушаххас пешниҳод карда мешавад.

Сардор
генерал-майори хизмати дохилӣ Б. Умарзода